«Тасдиқ мекунам»
директори Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳамад Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд н.и.т, дотсент
Саидӣ Дилафрӯз Раббизода

____________________

____________________с.2023

# ТАҚРИЗ

**ба кори диссертатсионии Гулов Аҳлиддин Боймуродовичро дар мавзуи Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин.**

Боғдорӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ва омодасозии ҷойҳои нави корӣ саҳми намоён дошта, дар таъмини корхонаҳои коркард бо ашёи хом, аз он ҷумла бо мева ба афзоиши иқтидори содиротии давлат мусоидат мекунад.

Барои рушди боғдорӣ дар ҷумҳурӣ шароити мусоиди табиӣ, захираҳои обӣ ва меҳнатӣ мавҷуданд, инчунин имкониятҳои коркард ва содироти маҳсулоти боғпарварӣ ба таври интенсивӣ васеъ карда мешаванд. Аҳолӣ дар соҳаи боғпарварӣ, ки соҳаи самараноки кишоварзӣ мебошад, таҷрибаи бой дорад.

Дар Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди соҳаи боғдорӣ, таъмин намудани бозори дохилӣ бо мева, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ, ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ “Барномаи рушди соҳаи боғдорӣ ва токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” қабул карда шуда, оид ба барқарорсозӣ ва бунёди плантатсияҳои нави серҳосили интенсивӣ ё суперинтенсивии боғҳо ва расонидани ҳосилнокии боғҳо ба 70-80 тонна/га мева вазифагузорӣ карда шудааст.

Як минтақаи муҳими Тоҷикистон, ки боғдории обёришаванда низ босуръат рушд хоҳад кард, ин болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон мебошад. Дар солҳои наздик масоҳати боғҳо дар ин минтақа бояд зиёда аз 20,0 ҳазор га расонида шаванд, ки дар ин замина ташкили боғҳои муосири интенсивӣ афзалияти бештар доранд.

Дар баробари ин таъмин кардани аҳолӣ, соҳаи саноат ва обёрии заминҳо дар шароити ҳозира бо захираҳои обӣ ва рушди устувори онҳо дар оянда, бо

назардошти афзоиши талабот ба об таҳқиқотҳои гидрологиро дар самти омӯзиши речаи гидрологӣ, баҳодиҳӣ ба сифати захираҳои обӣ ва мувофиқати онҳо барои истифода дар технологияҳои обёрии қатрагӣ, арзёбии гидроэкологии истифодаи оби шохобҳои болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дар замони ҳозира ва оянда бо технологияҳои гуногуни обёрӣ аҳамити хело муҳим дорад.

Унвонҷӯ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониашро дар 14-мақолаи илмӣ ҷойгир кардааст, аз ҷумла дар 6 мақолаи дар маҷалаҳои тақризии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи номзадии Гулов А.Б. дар 182 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шудааст, ки аз он 154 саҳифааш матни асосӣ буда, он аз муқаддима, 5 боб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот иборат мебошад. Дар диссертатсия 43 ҷадвал, 39 расм ва 3 замима низ дарҷ шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 200 номгӯро дар бар мегирад, ки 17-тои он бо забонҳои хориҷӣ мебошад.

Дар муқаддима ва тавсифи умумии кор мубрамияти мавзуъ мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ фаҳмонида шудаанд ва аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо дида мешавад.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ таҳлили маълумот оид ба "Омӯзиши хусуиятҳои гидрологӣ, гидроэкологӣ, арзёбии шароити иқлимӣ, хокӣ-мелиоративӣ ва истеҳсолии болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон (БОҲДК)" дида баромада шудааст. Шохобҳои БОҲДК нисбатан хурд буда, аз барф, пиряххои қаторкуҳи Қаротегин ва борон ғизо мегиранд.

Барои муайян кардани таъсири истифодаи об дар соҳаҳои гуногун ба реҷа, миқдор ва сифати оби шохобҳои БОҲДК, таъсири технологияи обёрӣ ба поёноб, ҳолати хок, обҳои дохилихокӣ ва зеризаминӣ таҳлил ва омӯзиши ин масъалаҳо гузаронида шуд. Тавозуни ташаккул ва истифодаи захираҳои об дар ҳавзаи дарё бо дарназардошти қонеъгардонии талаботи ҳамаи истеъмолкунандагон, аз ҷумла таҳаммулпазирии экологӣ, дар ҳолати табиӣ нигоҳ доштани олами наботот ва ҳайвонот дар сатҳи 90%-и таминоти гидрологӣ ба амал бароварда мешавад.

*Дар боби дуюм* шарҳи таҳқиқот оид ба самаранокии технологияи обёрии зироатҳоии кишоварзӣ ва боғиҳои интенсивӣ" баррасӣ шудааст. Дар ин боб маълумот оид ба татқиқоти гузаронидаи олимони Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Арманистон, Украина, Федератсияи Русия, Фаронса, Австралия, ШМА баҳри баланд бардоштани самаранокии обёрии ҷӯякҳо, хулосаҳои асосии таҳқиқот оид ба техника ва механизатсияи обёрии

ҷӯякӣ, чихати назариявӣ, самаранокии техникаи обёрӣ (СМТ) оварда шудаанд.

Инчунин, маълумот оиди хусусиятҳо ва бартариҳои системаҳои обёрии қатрагӣ (СОҚ) нисбат ба обёрии зироатҳои кишоварзӣ ба воситаи обпошии боронӣ ва обёрии ҷӯякӣ оварда шудааст.

Маълумоти мушаххас оиди шарҳи қисмҳои гуногуни СОҚ, аз қабили қатрарезҳо, системаҳои рӯизаминӣ ва пӯшида, намудҳои онҳо барои обёрии зироатҳои мевадиҳанда ва буттагиҳо, технологияҳои истифодабарии нуриҳо дар СОҚ, талабот нисбати сифати оби обёрӣ барои истифода намудани системаҳои обёрии қатрагӣ, натиҷаҳои истифодаи СОҚ, оварда шудаанд.

*Дар боби сеюм* методикаи таҳқиқоти унсурҳои технологияи обёрии қатрагии боғи интенсивӣ оварда шудааст. Ҳама таҷрибаҳои саҳроӣ ва лабораторӣ оид ба омӯзиши технологияи обёрии қатрагӣ дар ҳудуди хоҷагии таълимии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дар боғи мавҷудаи себи интенсивии ширкати «Ситабр Агро» гузаронида шуданд. Масоҳати боғ 10 га - ро ташкил медиҳад, ки он тақрибан дар қисми марказии БОҲДК, дар шарқи шаҳри Ҳисор ҷойгир аст. Боғи интенсивии себи мазкур дар аввали баҳори соли 2014 бунёд карда шудааст. Дар минтақаи таҷрибавии истеҳсолӣ тамоми корҳои агротехнологӣ оид ба бунёди боғ гузаронида шуда, системаи истифодабарӣ ва назорати обёрии қатрагӣ сохта шуданд.

Дарахтон аз рӯйи нақшаи 3,8х0,9 м шинонда шуданд. Зичии ниҳолҳо дар як га 2924 дарахт ва майдони ғизогирии ҳар як ниҳол 3,42 $м^2$ мебошад.

*Дар боби чорум* натиҷаҳои таҳқиқоти технологияи обёрии қатрагии боғи интенсивӣ дарҷ шудааст. Инчунин, маълумоти натиҷаҳои таҳқиқот оид ба меъёрҳои обмонӣ ва обёрӣ, давраи обёрӣ ва эвапотранспиратсияи боғи себи ҷавон бо обёрии қатрагӣ ва ҷӯякҳо оварда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти бисёрсолаи обёрии қатрагии (солҳои 2014-2017) боғи ҷавони интенсивӣ нишон медиҳанд, ки давраи обёрӣ дар шароити таҷрибавӣ тақрибан моҳҳои апрел-май оғоз ёфта, моҳи сентябр ба поён мерасад.

Дар соли шинондани ниҳолҳо ҳангоми обёрии қатрагӣ 27 обмонӣ гузаронида шуд, ки меъёри миёнаи он ба 60,9 $м^3$/га баробар аст. Дар маҷмӯъ, меъёри обёрӣ ба 1645 $м^3$/га баробар буд, ки ба як дарахт 560,3 литр рост меояд. Ин ҳаҷми обро се қатрарез ба як дарахт доданд. Ҳиссаи оби обёрӣ ҳангоми ОҚ дар бухорсозӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд ва 88,93% -ро, боришот ва намии замин дар якҷоягӣ қариб 11% -ро ташкил медиҳанд, дар сурате ки намии хок ночиз (3,79%) мебошад. Ҳангоми обёрии ҷӯякии боғ ҷавон, дар соли шинонидани он, дар маҷмӯъ 6 обмонӣ бо меъёри миёнаи 338 $м^3$/га ё 1217 л/дарахт гузаронида шуд. Меъёри обёрӣ холис 2028 $м^3$/га буд, ки

ин нисбат ба обёрии қатрагӣ 1,28 маротиба зиёдтар аст. Айнан ҳамин тариқ нишондодҳои натиҷаи таҷрибаҳои саҳроии дар солҳои минбаъда ба даст омада мавриди таҳлил қарор дода шуда, хулосабарори карда шудаанд.

*Дар боби панҷум* таҳқиқоти истифодабарӣ ва нигоҳдории системаи обёрӣ ва самаранокии иқтисодии технологияи парвариши боғи интенсивӣ ҳангоми обёрии қатрагӣ зикр шудааст.

Муқарар карда шудааст, ки гирифтан фоида ҳангомӣ обёрии ҷӯякӣ ва қатрагии боғ аз соли сеюми шинонидани ниҳолҳо амалӣ мешавад, афзоиши фоида то соли 8-уми кишт қайд карда мешавад. Дар солҳои минбаъда ҳосили боғ дар сатҳи 15 т/га ҳангомӣ обёрии ҷӯякӣ ва дар сатҳи 35 т/га ҳангоми обёрии қатрагӣ муътадил мешавад.

Сармоягузорӣ дар тӯли 5,5 сол бо индекси даромаднокии баробар ба 6,15 ҷуброн карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки даромаднокии технологияи обёрии қатрагӣ мусбат буда ва солона 30,8% -ро ташкил медиҳад.

Кори диссертатсионии Гулов А.Б. аз навгониҳои илмӣ зерин иборат мебошад:

- баҳодиҳии шароити табиӣ-иқлимӣ ва ноҳиябандии агроландшафти БОҲДК барои ҷойгир кардани боғҳо ва пешгӯии ҳосили онҳо;
- баҳодиҳии шароити гидрологии ташаккулёбии захираҳои обӣ ва баҳодиҳии сифати онҳо барои истифодаи обёрии қатрагӣ;
- таҳлили ҳисобҳои тавозуни об бо мақсади истифодаи гидроэкологии устувор ва истифодаи манбаъҳои захираҳои обии БОҲДК барои рушди обёрии заминҳо;
- муқаррар намудани эвапотранспиратся, меъёри обёрӣ ва қоидаҳои истеъмоли оби боғи ҷавони интенсивӣ дар давраи нашъу намо ҳангоми обёрии қатрагӣ;
- муайян кардани расиш, рушд ва ҳосилнокии боғи интенсивии ҷавон ҳангоми обёрии қатрагӣ;
- дар асоси таҷрибаҳо коркарди технологияи истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ва самаранокии иқтисодии системаи обёрии қатрагии боғ дар шароити БОҲДК.

Дар кори диссертатсионӣ унвонҷӯ аввалин шуда муайянсозии равандҳои ташаккулёбии гидрологии шохобҳои БОҲДК вобаста ба сарчашмаи таъминоти онҳо аз захираҳои об, тақсимоти агроландшафтии қисмати БОҲДК вобаста ба ноҳиябандии ҳарорати ҳаво, боришот, баландии ҷойгиршавии минтақаҳои агроландшафтӣ аз сатҳи баҳр, истифодабарии нури офтоб ва пешгӯии ҳосилнокии боғи себ, асоснокунии илмӣ ва амалии ташаккул ва истифодаи захираҳои об, бо назардошти таъминоти мувозинати

гидроэкологӣ, инчунин таҳияи технологияи инноватсионии таъмини об, дар мисоли обёрии қатрагии боғҳо дар шароити БОҲДК коркард карда шудааст, ки ба талаботи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин мувофиқат мекунад:

1. Таҳқиқот асоснокунӣ ва миқиёс намудҳои гуногуни мелиоратсияи замин:обӣ кимиёвӣ, ҳароратӣ, физикию механикӣ, биологӣ. Асоснокунии талабот ба намудҳои гуногуни кофтуковӣ, ки хосияти компонетҳои табииро бо назардошти гуногуни ба онҳо таълуқ доштатавсиф менамоя.

3. Усулҳо ва тарзҳои таҳқиқоти мелиоратсияи замин, таъсири онҳо ба хосияти ҷузъҳои табии, рушд, амалкунӣ ва устувории геосистема (ландшафтҳо). Асосноккунии зарурияти намудҳои комплексии мелиоратсия ва нақши он дар бунёди ладшафтҳои маданӣ, ки дар он ҳамоҳангсозии фаъолияти инсон ва ҳолати табиат, дар бунёди агроландшафтҳои маданӣ, ҳамчун захираи технотабии барқароркунандаи муҳим ва экосистемаи муҳитсозанда.

4.Таҳқиқоти обталабии зироатҳои кишоварзӣ, коркарди реҷаи обёрӣ ва хушконӣ дар минтақаҳои гуногуни табиӣ, таҳқиқоти ҷиҳатҳои хоси агротехникии зироатҳои кишоварзӣ, системаи зироаткорӣ дар заминҳои мелиоративӣ.

7. Таҳқиқоти тарзҳо ва техникаи обёрӣ ва хушконии замин, тарзҳои пешқадами мелиоратсияи захирасарфакунанда ва табиатхифзкунанда, бунёди системаи мукаммали муҳандисию мелиоративӣ.

24.Таҳқиқоти тарзҳо ва воситаҳои техникии истифодабарии системаҳои муҳандисии мелиоративӣ ва системаҳои муҳандисии экологӣ, таъмир, азнавсозӣ, автоматикунонии кори онҳо, баланд бардоштани эътимоднокии тарзҳои идоракунии оқилонаи онҳо.

Дар кори диссертатсиони муаммоҳои идоракунии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи ҷавон интенсивии дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон таҳқиқ карда шудаанд.

Натиҷаҳои ба даст овардаи Гулов А.Б. натиҷаҳои илмӣ маҳсуб ёфта, хулосаҳояш бо далелҳо муфассал оварда шудаанд. Ҳолати асосии кори диссертатсия дар автореферат иникос ёфтааст ва мақолаҳои нашрнамуда пурра ба кори мазкур таалуқ дорад.

Ҳангоми таҳлили диссертатсия ва автореферати кори мазкур баъзе эъродҳо пайдо шудаанд:

1. Дар расми 1 шабакаи гидрографии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон оварда шудааст, вале сарчашмаи маълумот нав нест.

2. Дар боби 2 диссертатсия шарҳи таҳқиқот оид ба самаранокии технологияи обёрии зироатҳои кишоварзӣ ва боғҳои интенсивӣ бештар ба

таҷрибаи давлатҳои бурунмарзӣ аҳамият дода шудааст вале таҷрибаи Ватанӣ кам шарҳ, дода шудааст.

3. Дар саифаи 70 дар расми 3.2 ҷойгиршавии қитъаи дарахтони ҳисобӣ доир ба мушоҳидаҳои фенологӣ дарҷ нашудааст.

4. Дар боби 3 нақшаи қитъаи назоратӣ бо назардошти нишон додани қитъаи

5. дарахтони ҳисоби доир ба гузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ оварда нашудааст.

6. Дар саҳифаи 90 дар ҷадвали 4.1 натиҷаҳои таҳқиқот оид ба меъёри обмонӣ, меъёри обёри ва эвапотранспиратсияи боғи себи ҷавон дар қитъаи таҷрибавӣ ва назорати пешниҳод шудааст аммо дар ин ҷадвал муқоисаи нишондодҳо оварда нашудааст.

7. Дар расми 4.12 (саҳифаи 115) графики тағирёбии масрафи қатрарезҳо дар тӯли лӯлаи обмонӣ нишондода шудааст. Хубтар мебуд таъсири ин тағйирёбӣ ба баробар намшави хок нишон дода мешуд.

Дар умум эъродҳои овардашуда ба мазмуни аслии кории диссертатсионӣ халал ворид намекунанд ва ҷиҳати тавсияӣ доранд.

Диссертатсияи унвонҷӯ дар мавзуи Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин пурра ҷавобгӯ мебошад.

Кори диссертатсионии Гулов Аҳлиддин Боймуродович ба талаботи "Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №267 аз санаи 30.06.2021с), ки аз тарафи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муалифи он барои сазовор шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин арзанда мебошад.

Тақриз дар маҷлиси кафедраи агротехнология ва экалогияи саноати факултети муҳандсӣ технологии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ ба номи ак. М.С.Осимӣ), пратаколи ҷаласа №2 аз санаи "27" сентябри с 2023, муҳокима карда шудааст.

*Раиси ҷаласа:*
д.и.к., дотсенти кафедраи агротехнология
ва экалогияи саноати ДПДТТХ
ба номи ак. М.С.Осимӣ Рашидов Н.Ҷ.

ШӮЪБАИ КАДРҲО

*Эксперт:*
н.и.т., омӯзгори калони кафедраи агротехнология
ва экалогияи саноати ДПДТТХ
ба номи ак. М.С.Осимӣ Сайфуллоев Т.Х.

*Котиби ҷаласа:*
омӯзгори калони кафедраи агротехнология
ва экалогияи саноати ДПДТТХ
ба номи ак. М.С.Осимӣ Усмонова М.Я

Имзои д.и.к. дотсент Рашидов Н.Ҷ., н.и.т. Сайфуллоев Т.Х. ва Усмонова М.Я- ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадри
ДПДТТХ ба номи ак. М.С.Осимӣ Ёқубова М.А.

*Суроға:* 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, кучаи И.Сомонӣ 226. Телефон: +992927166523 E-mail: tolmas54@gmail.com